## МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **3 апрели соли 2026** конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «**Масъалаҳои мубрами сотсиологияи муосир дар Тоҷикистон**» баргузор менамояд, ки ба **80-солагии узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор, мудири шуъбаи сотсиология Шоназар Шоисматуллоев** бахшида шудааст.

**Дар ҷараёни конференсия масъалаҳои зерин баррасӣ хоҳанд шуд:**

- Осори илмии Шоназар Шоисматуллоев ва саҳми ӯ дар рушди сотсиологияи ватанӣ;
- Таҳқиқоти сотсиологӣ дар солҳои истиқлолии Тоҷикистон;
- Масъалаҳои назариявӣ-методологии сотсиология дар Тоҷикистон;
- Сохтори иҷтимоӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон;
- Масъалаҳои ҳувияти иҷтимоӣ, миллӣ ва шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон;
- Устувори ва табдилёбии арзишҳо дар Тоҷикистон;
- Нақши оила, маориф ва фарҳанг дар рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон;
- Таъсири ҷаҳонишавӣ ва равандҳои муҳоҷират ба тағйирёбии сохтори иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон;
- Дурнамои рушди сотсиология дар Тоҷикистон.

**Талабот нисбати маърӯзаҳои барои чоп пешниҳодшаванда**

Матнҳои ирсолшуда бояд таҳрир ва ба талаботҳои техникии зерин ҷавобгӯй бошанд:

- саҳифаи А4, ҳошияҳо аз тарафи рост 3 см, аз тарафи чап 1,5 см, боло ва поён 2 см;
- ҳуруфи шакли Times New Roman, Times New Roman Tj бо андозаи - 14;
- сатри якум – номи маърӯза **БО ҲАРФҲОИ КАЛОН** бо баробаркунии матн дар байни саҳифа;
- сатри дуюм – ***насаби муаллиф ҳарфи аввали ном ва номи падар***, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, ҷои кор (таҳсил), дар қавс шаҳр, вилоят, баробаркунии матн аз дар байни саҳифа;
- сатри сеюм - матни асосӣ, ки дар таҳриргарӣ матнии MS Word ҳуруфчинӣ шудааст, фосилаи байнисатрӣ - 1,5, баробаркунии матн бо паҳнои саҳифа, истифодаи ҳиҷобандии калимаҳо мумкин нест;
- ҳаҷми матни маърӯза бо формула, расм, ҷадвал, рӯйхати адабиёт, аннотатсия ва калидвожаҳо набояд аз 6 саҳифа зиёд бошад (*Формулҳо бояд дар таҳриргарӣ «**Формула**» сохта шаванд*).
- рӯйхати адабиёт дар охири матн баъд аз калимаи **«АДАБИЁТ»** оварда шуда, бо тартиби алифбо омода карда мешавад;

- ишора ба адабиёти истифодашуда дар матн ҳатмӣ буда, ба таври **[3, 25]** омода карда мешавад, ки дар ин ҷо рақами аввал рақами тартибии сарчашма дар рӯйхати адабиёт ва рақами дуввум саҳифаи он мебошанд;
- баъди рӯйхати адабиёт бояд номи маърӯза, аннотатсия ва калидвожаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шаванд (бо андозаи 14)
- дар охир маълумот дар бораи муаллиф – **насаб, ном ва номи падар пурра**, дараҷаи илмӣ, унвонӣ илмӣ, вазифа (таҳсил), рақами телефон ва почтаи электронӣ бо баробаркунии матн бо паҳноии саҳифа, бо андозаи 14 (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)
- ҳамаи маърӯзаҳои конференсия, ки ба шакли мақола ба чоп тавсия мешаванд, барои ворид намудан ба Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНС) дорои аннотатсия ва калидвожаҳо ба забони тоҷикӣ, русӣ, ва англисӣ бошанд.

Дархост барои иштирок ва матни маърӯза бояд то санаи **20 феврали соли 2026** ба Кумитаи тадорукот супорида шавад.

**Забони конференсия:** тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.

*Кумитаи тадорукоти конференсия ҳуқуқи амалисозии таҳрири техникиро дошта, метавонад мақолаҳоеро, ки ба мавзӯъ мувофиқ нестанд ва ё бе риояи талаботи техникии пешниҳодгардида омода карда нашудаанд, ба муаллифон баргардонад.*

*Маводҳое, ки барои ислоҳ ва пуррагардонӣ ба муаллифон баргардонида шудаанд, бояд то санаи **1 марти соли 2026** ба Кумитаи тадорукот ирсол карда шаванд.*

**Суроғаи мо:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, шуъбаи сотсиология. **Тел.:** 93-508-68-78; 550-10-35-10; 93-733-33-11; **E-mail***: sociology.ifppanrt.tj@gmail.com; afkor1946@gmail.com; gmalisher@gmail.com; mirov2010@mail.ru.*